**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавкулодаи табиӣ ва техногенӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ**

Диссертатсияи Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавкулодаи табиӣ ва техногенӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дар кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии ман омода карда шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Нуруллозода Меҳрулло унвонҷӯи шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор мерафт, ва ҳамзамон, дар вазифаи сардори факултети №5 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон кору фаъолият менамуд.

Нуруллозода Меҳрулло бо фармоиши сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми апрели соли 2023, № 255 ба ҳайси унвонҷуи шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуда, таҳсил менамуд.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҷаласаи васеи Шурои олимони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2023, №7 мушаххас ва тасдиқ карда шудааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 10 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва

тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии интишороти довталаб зиёда аз 4 ҷузъи чопӣ мебошанд.

Диссертатсияи Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ - ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ» ба шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мутобиқат мекунад.

Навгонии таҳқиқоти диссертатсионии Нуруллозода Меҳрулло Нуриддин дар 4 номгӯйи нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва 7 тавсияҳои амалӣ коркард гардидаанд.

Дар ҷараёни омода намудани таҳқиқоти диссертатсионӣ Нуруллозода М., худро аз ҷиҳати мусбат нишон дода, тамоми дастуру супоришҳо ва таклифҳоро оид ба мукаммал сохтани матни диссертатсия пурра иҷро менамуд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо), феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва замима (натиҷаи назарсанҷӣ) иборат мебошад. Ҳаҷми диссертатсия 199 саҳифа мебошад.

Нуруллозода М., дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуъро бо дарназардошти қабул ва амалкарди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунӣ, суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ақидаҳои назариявии олимону мутахассисони ватанӣ ва хориҷӣ асоснок намуда, мақсад, вазифа, объект, предмет, марҳила, макон ва давраи таҳқиқотро нишон додааст. Ҳамчунин, асосҳои назариявӣ, методологӣ, эмпирикӣ, навгонии илмии таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ ва саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот,

мазмуну мундариҷаи муқаддимаи таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил додаанд.

Дар боби якуми диссертатсия - **«Асосҳои назариявии ташкили фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ»** дар доираи се зербоб тамоюлҳои асосӣ оид ба пайдоиши мафҳум, намуд ва таснифоти ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ва асосҳои назариявии консепцияҳои мустақаргардида оид ба ташкили идоракунииии ҷузъу томи МКД дар ҳамин самт мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Инчунин, таснифоти васеи эҳтимолиятҳо ва хатарҳое, ки боиси пайдоиши ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мегарданд, вобаста ба хусусият, миқёси паҳншавӣ ва зарари ҷисмонӣ ва моддии онҳо ба шаҳрвандон гузаронида шудааст.

Дар ин қисмати таҳқиқот диққати асосӣ ба асосҳои назариявии ташаккулёбии истилоҳоти бунёдии ҳуқуқӣ аз қабили "ҳолати фавқулода", "вазъияти фавқулода", "шароитҳои махсус" ва дигар мафҳумҳои ҳамҷавор матраҳ гардидааст. Муаллиф ба хулоса меояд, ки истилоҳҳои "ҳолатҳои фавқулода" ва "вазъияти фавқулода" дар аксари ҳолатҳо ҳамчун мафҳумҳои мутақобилан якдигарро пурракунанда баромад мекунанд, ки мазмуни рӯйдодҳои ғайричашмдошт ё ногаҳонии табиӣ, техногенӣ ва иҷтимоиро дар бар мегиранд. Инчунин, таъкид мегардад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳоти мазкур дар сатҳи қонунгузорӣ баробарвазн эътироф мегарда, зуд-зуд ба ҷойи акдигар истифода мегарданд. Истилоҳи "вазъияти фавқулода" дар таносуб ба мафҳуми "ҳолати фавқулода" ба вуқуъ пайвастани чунин ҳолатҳои фавқулодаро дар ҳудуди васеътар ва дараҷаи хатарнокии балантар дар бар гирифта, тадбири муваққатии дорои реҷаи махсуси ҳуқуқие мебошад, ки, дар ҳудуд ва вақти муайян танҳо бо фармони Президент эълон карда мешавад.

Аз рӯйи мазмун ҳолатҳои фавқулода ба намудҳои табиӣ, техногенӣ, иҷтимоӣ ҷудо карда мешаванд, ки аз рӯйи дараҷаи хавфнокӣ, ҳудуди ба амал омадан, истифодаи қувва, маблағҳои зарурӣ ва субъектони

идоракунандаи ин раванд дорои таснифоти муайян мебошанд. Вобаста ба маҳакҳои номбурда тибқи қонунгузории амалкунанда дар самти пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ онҳо ба маҳдуд, маҳаллӣ, минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва байнисарҳадӣ тасниф карда шудаанд.

Муаллиф ба хулоса меояд, ки “шароитҳои махсус” ҳамчун мафҳуми универсалӣ фарогири мафҳумҳои “ҳолатҳои фавқулода”, “вазъияти фавқулода”, “шароитҳои фавқулода” буда, вобаста ба вазъияти баамаломадаи хусусияти табиӣ, техногенӣ ва иҷтимоидошта, ҳолати пурзӯри фаъолияти оперативӣ-хизматии мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар сатҳи гуногун дар бар мегирад. Аз ин лиҳоз, дар сатҳи қонунгузорӣ мустақар сохтан ва кушодани мафҳуми “шароитҳои махсус” амри зарурист. Зеро шароити махсус дорои хусусиятҳои зерин мебошад: а) дар ҳудуди муайяни ҳолати фавқулода ва ё вазъияти фавқулода ба вуҷуд омада, шароити махсуси фаъолияти ҷузъу томи МКД, мутаносибан ташкил ва идора кардани гурӯҳҳои мутамарказонидашудаи онро ба вуҷуд мерад; б) чунин шароит дар натиҷаи ба вуқуъ пайвастани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ, техногелӣ, биологӣ, таркишҳо, эпидемияҳо, садамаҳо, ки дорои сатҳ ва дараҷаи хавнокии гуногун вобаста ба талафоти ҷонӣ, моддӣ дар минтақаи хизматрасонии ҷузъу томҳои МКД мегардад; в) шароитҳои махсус дар ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ҷиноятидошта, ҳангоми ворид кардани реҷаи вазъияти фавқулода, вазъияти ҷангӣ ва ҷорӣ намудани реҷаи махсуси ҳуқуқӣ дар ҳудуди хизматрасонии ҷузъу томи МКД ба вуҷуд меояд.

Инчунин, дар боби якум ба омӯзиши унсурҳои бунёдии ташкили низоми пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ва техногенӣ, аз қабили принсипҳо, вазифаҳо, функсияҳо, сохтор ва ғайра, диққати махсус матраҳ мегардад.

Дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои зиёди илмӣ муаллиф зикр менамояд, ки «ташкил кардан» ҳамеша раванди пеш аз ба фаъолият даромадани низоми идоракунӣ мебошад. Зеро дар ҷараёни ташкил

кардан мақсаду вазифаҳо, функсияҳо, сохтор, шакл ва усулҳои (роҳҳои) расидан ба мақсадҳо муайян карда мешаванд. Ин унсурҳо асоси ташкилии ҳама гуна фаъолияти бонизом маҳсуб меёбанд, ки бе дуруст муайян намудани онхо «фаъолияти мақсаднок имконнопазир аст».

Ба андешаи уновончу, идоракунӣ як унсури худи фаъолият аст, яъне, амал дар раванди расидан ба ҳадаф мебошад, он равандест, ки аз мазмуни корҳои ташкилӣ бармеояд. Идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ танҳо дар объекте имконпазир аст, ки аллакай ташкил карда шудааст.

Дар фарҷоми боби якум дар асоси афкори мукдири олимони соҳа, унвонҷӯ ба хулоса меоянд, ки ташкил ва идоракунии гурӯҳҳои мутамарказонишудаи МКД оид ба пешгирӣ ва рафъ намудани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ пеш аз ба вуқуъ пайсатани реҷаҳои фавқулодаи ҳуқуқӣ амри зарурист, зеро дар шароити ба вуқуъ пайвастани чунин ҳолатҳои фавқулода, раванди идоракунӣ тезонидани суръатнокии фаъолиятро вобаста ба дастрас кардан ва таҳлил намудани маълумоти оперативӣ ва разведкавӣ, қабули қарорҳои дахлдор барои гузаронидани чорабиниҳои махсуси наҷотдиҳӣ, банақшагирии оперативӣ ва ҷалб намудани қувва ва воситаҳои заруриро тақозо менамояд.

Дар боби дуюми диссертатсия – «Асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии идоракунии мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиӣ ва техногенидошта» мазмуну моҳияти қонунгузории фавқулода, ки фаъолияти МКД ва дигар мақомоти давлатиро ба танзим медароранд, бо таври васеъ баррасӣ мегардад. Диққати асосӣ ба ҳадафҳо, вазифаҳо ва функсияҳои асосӣ ва иловагии МКД оид ба пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, инчунин накши милитсия дар Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ матраҳ шудааст.

Муаллиф таъкид менамояд, ки тибқи банди 12 моддаи 10 Қонуни ҶТ “Дар бораи милитсия” аз 17-уми майи соли 2004, № 41, милитсия ҷиҳати рафъи оқибати садамаву фалокатҳо, сӯхтору офатҳои табиӣ ва

дигар ҳодисаҳои фавқулода, наҷот додани одамон ва расонидани ёрӣ ба онҳо, ҳифзи амволи бесоҳиб тадбирҳои фаврӣ мееандешад. Нowобаста ба он, ки таъмини бехатарии зиддисӯхторӣ дар моддаи 10 Қонуни ҶТ “Дар бораи милитсия” ҳамчун вазифаи асосии милитсия бо таври мушаххас нишон дода нашудааст, дар зербанди 9 банди 3 Низомномаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳуккумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми декабри соли 2006 № 592 тасдиқ шудааст, таъмини бехатарии зиддисухторӣ ҳамчун вазифаи асосии милитсия эътироф гардидааст. Тибқи зербандҳои 14 ва 15 банди 8 Низомномаи мазкур милитсия ҷиҳати пешгирии садамаҳои нақлиётӣ ва бартараф намудани оқибатҳои онҳо ва таъмини бехатарии зиддисӯхторӣ, вазифаҳои махсуси назоратӣ ва наҷотдиҳиро амалӣ месозад.

Инчунин, тибки талаботи зербани 21 банди 8 Низомнома милитсия дар таъмини режими ҳуқуқии вазъияти фавқулода ва ҳарбӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар чорабиниҳо дар доираи Низоми ягонаи давлатии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода иштирок менамояд.

Тартиби омодабошӣ, ҷалбкунӣ ва идоракунии ҷузъу томҳои МКД дар таъмини низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулода ва ҳарбӣ, пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ дар Низоми ягона дар доираи фармонҳо, дастурамалҳо ва нақшаҳои дохилиидоравӣ ва байниидоравӣ ба танзим даровarda мешаванд.

Уновонҷӯ талаботи қонунгузории фавқулодаро мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода, ба хулоса меояд, ки набудани равиши ҳамоҳангшуда оид ба ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ дар самти пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ боиси бидуни стратегияи амиқ таҳиягардидаи рушди ин соҳа гардидааст. Аз ин лиҳоз, дигаргуниҳои институтсионалӣ ба стратегияҳои рушди дарозмуддат ва миёнамуҳлат ва афзалиятҳои дар онҳо муайяншуда пурра мувофиқат намекунанд. Аммо кушишҳои ислоҳоти шитобкорона

ва ғайринизомии сохторҳои алоҳида ба умеди ба даст овардани самараи хуб, аксаран ба интизориҳои аввалиндарача ҷавобгу нестанд.

Муаллиф зикр менамояд, ки бинобар дар самти бехатарӣ аз сӯхтор ҳамчун сохтори ҳамоҳангсозанда эътироф гардидани МКД, Қонуни ҶТ “Дар бораи милитсия” бояд ба Қонуни ҶТ “Дар бораи мақомоти корҳои дохилӣ” табдили ном карда шавад ва бо мақсади рушд додани заминаҳои консептуалӣ дар самти таъмини бехатари аз сӯхторҳо дар оянда наздик ба Барномаи ислоҳоти милисия барои солҳои 2026-2030 тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид карда шавад.

Инчунин, зикр мегардад, ки дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд тобеияти воҳидҳои тамоми низоми ВКД дар самти пешгирӣ ва рафъ намудани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода муқаррар карда шавад. Асоснок карда мешавад, ки як қисми вазифаҳои идоракунии МКД ва қӯшунҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ бояд ба воҳидҳои сохтории минтақавӣ МКД вогузора карда шаванд.

Нуруллозода М., таъкид менамояд, ки ҷузъу томи МКД дар бисёр мавридҳо ба иҷрои вазифаҳои берун аз салоҳияти худ аз қабили соҳилмустаҳкамкунӣ, таъминоти хурокворӣ, гуронидани фавтидагон, пешгирӣ намудани касалиҳои сироятӣ ва ғ. ҷалб карда мешаванд. Муаллиф ба хулоса меояд, ки бояд аз ҳисоби ҷузъу томи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ гурӯҳҳои мутамарказонидашудаи функсионалии доимоамалкунандаи МКД дар сатҳи ноҳия, шаҳр, вилоят ва ҷумҳурӣ бо ҷалби қӯшунҳои дохилӣ, муассисаҳои таълимии ВКД ташкил карда шаванд. Аз ҷумла, чунин гурӯҳҳои муттаҳидкардашуда бояд дар сатҳи байниидоравӣ барои вокуниши оперативӣ ба ҳолатҳои буҳронии калонҳаҷми табиӣ ва техногенӣ созмон дода шаванд.

Хулоса ва пешниҳодҳои манзургардида натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмиро тавсиф намудаанд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, зерқонунӣ, адабиёти илмӣ, таълимӣ ва тафсирии истифодашуда мувофиқ

ба мавзуи таҳқиқшаванда буда, истинодҳои овардашуда пешниҳодҳои илмиро тақвият мебахшанд ва мувофиқ ба мақсад истифода шудаанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ», ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493) ҷавобгӯй буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
професcори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сафарзода Ҳ.С.
E-mail: h.safarov@mail.ru

Суроға: 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов 3
Тел.: (+992) 93 113 85 23

Имзои Сафарзода Ҳ.С.-ро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи кадрҳои
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Саидзода А.Р.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон», 734012, ш.Душанбе, кӯчаи Мастонгулов 3; Тел.: (+992 37) 226 28 01; факс: (+992 37) 226 60 43 Веб сайт: www.avkd.tj. E-mail: avkdtj@mail.ru

03. 04. 2026